# ПРОТОКОЛИ № 60 -ИҲ

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 26 майи соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
**а**з 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Аз 11 нафар ҳайати шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумњурии Тољикистон аз 06.09.2024, №321/шд тасдиқгардида, 9 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Пешниҳод якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин дар мавзуи «Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Давлатшоев И. ва аъзои комиссия Рӯзиева Л.Т. ва Иззатова М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин дар мавзуи «Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин дар мавзуи «Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин дар мавзуи «Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими

равиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Ашурова Дилором – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психологияи умумии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

- Баротов Камолиддин Ашурович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биологияи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Данғара таъйин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи диссертатсия 5 августи соли 2025, соати 12:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Қарор якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ** **Сафаров Ш.А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ** **Муҳиддинзода Б.**

*"Имзои Сафаров Ш.А. ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"*

Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова